Wondershare
PDFelement

«Тасдиқ мекунам»
Ректори МТҒ «Донишкадаи тиббӣ - иҷтимоии Тоҷикистон»
__________ н.и.и. Иболзода З.Ҳ
аз «__» ____ соли 2023 №____

# НИЗОМНОМАИ ФАКУЛТЕТИ МТҒ «ДОНИШКАДАИ ТИББӢ-ИҶТИМОИИ ТОҶИКИСТОН»

## 1. Муқаррароти умумӣ

1.1. Низомномаи факултети МТҒ «Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон» (минбаъд Низомнома) дар асоси банди 149 Низомномаи намунавии муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қарори ҳайати мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 августи соли 2022, №12/4 тасдиқ гардида ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ таҳия шудааст.

1.2. Факултети донишкада (минбаъд-факултет) ҷузъи таркибии сохтори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ба шумор меравад.

1.3. Низомномаи мазкур вазъи ҳуқуқӣ, сохтор, тартиби фаъолияти факултети донишкада ва муносибатҳои мутақобилаи онро бо дигар воҳидҳои сохторӣ ва шаҳрвандон муайян менамояд.

1.4. Факултет бо қарори Шурои олимони донишкада бо ризоияти муассис дар мувофиқа бо Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади амалӣ намудани низоми фаъолияти субъектҳои раванди таълиму тарбия дар самти муайяни таҳсилот аз рӯйи равияҳои нав (ихтисос), тайёр кардани мутахассисон дар зинаҳои таҳсилот дар сурати ҷавобгӯ будани заминаи нерӯи кадрӣ, таълимӣ-методӣ, моддию техникӣ, илмӣ, эҷодӣ ва фарҳангӣ таъсис дода мешавад.

1.5. Факултет ба сифати шахси ҳуқуқӣ баромад карда наметавонад.

1.6. Таъсис, азнавташкилдиҳӣ ва барҳамдиҳии факултет бо қарори шурои олимони донишкада дар мувофиқа бо муассис ва мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф амалӣ мегардад.

1.7. Факултет дорои мухри мудаввар буда, дар он номи факултет сабт гашта, онро дар раванди иҷрои вазифа ва уҳдадориҳои худ барои тасдиқи ҳуҷҷатҳои мувофиқ ва имзои кормандони факултет истифода мебарад.

Wondershare PDFelement

1.8. Декани факултет фаъолияти худро дар асоси Оинномаи донишкада ва Низомномаи мазкур ба роҳ мемонад.
1.9. Раванди таълим дар факултет тибқи нақшаи таълим, ки дар асоси талаботи Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ таҳия ва аз ҷониби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мегардад, ба роҳ монда шуда, дар асоси талаботи Оиннома, қарори Шурои олимони донишкада ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба танзим даровarda мешавад.
1.10. Дар назди факултет Шурои олимони факултет таъсис дода мешавад. Фаъолияти илмӣ, илмию техникӣ ва инноватсионии факултет дар шакли банақшагирии корҳои илмӣ аз ҷониби ҳайати омӯзгорони кафедра амалӣ гардонида мешавад. Тартиби таъсисдиҳӣ, фаъолият, салоҳият ва интихоби ҳайати шурои олимони факултет мутобиқи Оинномаи донишкада ва Низомномаи мазкур муқаррар карда мешавад.
1.11. Татбиқи корҳои илмӣ-таҳқиқотии факултет аз ҷониби ҳайати омӯзгорони кафедра дар марказҳои илмӣ, илмӣ-таҳқиқотӣ, озмоишгоҳҳо, воҳидҳои сохтории он ва берун аз он ба роҳ монда мешавад.
1.12. Феҳристи ҳуҷҷатнигорӣ дар факултет мувофиқи Дастурамали қонунгузории муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ба роҳ монда мешавад.

## 2. Сохтори факултет

2.1. Сохтори факултет бо қарори Шурои олимони донишкада тасдиқ карда мешавад.
2.2. Сохтори факултет аз садорат, шурои олимони факултет, шурои илмӣ-методии факултет, шуъба, кафедра, марказ, озмоишгоҳ, гурӯҳи академӣ ва созмонҳо иборат мебошад.
2.3. Ҷадвали воҳидҳои кории факултет аз ҷониби ректори донишкада тасдиқ карда мешавад.

## 3. Вазифаҳои факултет

3.1. Факултет вазифаҳои зеринро иҷро мекунад:

- татбиқи барномаҳои таҳсилотӣ нақшаҳои таълимии донишкада вобаста ба самт ва ихтисосҳои амалкунанда;
- ташкил ва назорати раванди таълиму тарбия тибқи муқаррароти амалкунанда;

Wondershare PDFelement

- ташкили коромӯзии илмӣ аз рӯйи ихтисос дар соҳаи таҳсилоти олии касбии ба самти фаъолияти факултет мувофиқаткунанда;
- ба нашр омода намудани адабиёти таълимӣ-методӣ, маҷмуаи таълимӣ-методии фанҳо, китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимӣ, корҳои илмӣ, монография,маводи конференсияҳо ва ғайра;
- иштирок дар таъмини иҷрои корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, инноватсионӣ ва таҷрибавӣ-эҷодӣ;
- мусоидат ба ташкили сохторҳои инноватсионӣ дар назди кафедра, факултет ва иштирок дар кори онҳо;
- ташкил ва баргузор намудани чорабиниҳои илмӣ, маърифатӣ, тарбиявӣ, фарҳангӣ, ба монанди конференсия, семинар, мизҳои мудаввар, вохӯриву мулоқот ва ғайра;
- татбиқи лоиҳаҳои байналмилалӣ, барнома ва грантҳо дар самти корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ;
- ба роҳ мондани иҷрои корҳои дигаре, ки санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии зинаи таҳсилоти олии касбӣ ва Низомномаи мазкур муайян намудаанд.

3.2. Роҳбарияти факултет корҳои таълимӣ, таълимӣ-методӣ, илмӣ-таҳқиқотӣ, иҷтимоӣ-тарбиявӣ ва лимӣ-эҷодиро ба нақша гирифта, назорати ташкил ва иҷрои онҳоро тибқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Оинномаи донишкада ва Низомномаи мазкур таъмин менамояд.

Wondershare PDFelement

## 4. Роҳбарии факултет

4.1.Роҳбарии факултетро декан ба уҳда дорад, ки он аз ҳисоби мутахассисони дорои дараҷаи доктори илм, доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос ё номзади илм аз тарафи ректор дар мувофиқа бо муассис ба вазифа таъин ва аз вазифа озод карда мешавад.

4.2. Декани факултет ба муддати 5 сол ба вазифа таъин ва аз вазифа озод карда мешавад.

4.3. Тағйир ёфтани сохтор, иваз намудани номи факултет, муттаҳид кардан ва ё аз нав таъсис додани факултет сабаби такроран ба муҳлати нав таъин кардани декани факултет шуда наметавонад.

4.4. Роҳбарии умумии факултетро шурои олимони факултет амалӣ менамояд. Муҳлати ваколатҳои шурои олимон наметавонад аз 5 сол зиёд бошад.

4.5. Ҳайати шурои олимони факултет ва ворид намудани тағйирот ба ҳайати он бо пешниҳоди декан аз ҷониби ректор тасдиқ карда мешавад.

Wondershare PDFelement

4.6. Иҷрои қарори Шурои олимони факултет барои кормандони тамоми воҳидҳои сохторӣ ва донишҷӯёни факултет ҳатмӣ мебошад.

## 5. Уҳдадорӣ, ҳуқуқ ва вазифаи декани факултет

5.1. Фаъолияти Шурои олимони факултетро тибқи Низомномаи шурои олимони факултет ба роҳ монда, роҳбарии онро ба зимма мегирад.
5.2. Стратегияи рушди факултетро коркард менамояд.
5.3. Корҳои таълимию методӣ, тарбиявӣ, илмию таҳқиқотӣ, инчунин тайёркунӣ ва такмили ихтисоси кадрҳои илмию омӯзгориро дар факултет роҳбари менамояд.
5.4. Фаъолияти кафедраҳои факултетро дар иҷрои таҳқиқотҳои бунёдӣ, илмию амалӣ ва инноватсионӣ назорат менамояд.
5.5. Иштироки факултетро дар чорабиниҳои таълимию тарбиявӣ, илмӣ ва илмии байналмилалӣ таъмин месозад.
5.6. Нақшаҳои таълим ва барномаҳои таҳсилотиро аз руйи ихтисосҳои амалкунандаи факултет, тақвими академӣ, нақшаҳои солона, кори таълим, тарбия ва ҷадвали машғулиятҳоро таҳия ва барои тасдиқ пешниҳод мекунад.
5.7. Сифати машғулиятҳои таълимии омӯзгорон, семинарҳо, намудҳои дигари корҳои таълимию тарбиявӣ ва илмиро назорат ва иҷрои бо сифати онҳоро таъмин месозад.
5.8. Ба кормандони факултет фармоишҳо ва дастуру супоришҳои роҳбариятро, ки ба фаъолияти факултет дахл доранд, мерасонад ва иҷрои саривақтии онҳоро таъмин месозад.
5.9. Мувофиқи тартиби муқарраргардида ҳуҷҷатгузории факултетро ба роҳ монда, риояи қоида ва техникаи зидди сӯхторро аз ҷониби ҳайати омӯзгорон ва донишҷӯёни факултет талаб ва назорат менамояд.
5.10. Ташкил ва баргузории корҳои илмию таҳқиқотӣ, озмунҳои илмии донишҷӯён ва олимони ҷавонро ба роҳ мемонад.
5.11. Дар доираи салоҳияти худ ба кормандони факултет дастуру супоришҳо медиҳад ва иҷрои саривақтии онҳоро талаб мекунад.
5.12. Дар машғулиятҳои таълимӣ, инчунин дар раванди имтиҳонҳои ҷорӣ ва ҷамъбастии донишҷӯён иштирок мекунад.
5.13. Аз муовини худ, мудирони кафедраҳо ва дигар кормандони факултет оид ба корҳои анҷомдодаашон ҳисобот талаб менамояд.
5.14. Барои иҷрои ҳалли масъалаҳои вобаста ба самти фаъолияти факултет аз роҳбарият дастур мепурсад.

Wondershare PDFelement

5.15. Ба роҳбарият тибқи мукаррарот вобаста ба таъин ва озод намудани кормандон, ҳавасмандгардонӣ ва барои гирифтани мукофот пешниҳод манзур месозад.

5.16. Дар муҳокимаи масъалаҳои марбут ба фаъолияти факултет ва донишкада иштирок менамояд.

## 6. Қатъ гардидани фаъолияти факултет

6.1. Фаъолияти факултет бо қарори Шурои олимони донишкада, бо розигии муассис дар мувофиқа бо Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон қатъ ё аз нав ташкил карда мешавад.

6.2. Дар мавриди аз нав ташкилёбӣ ва ё қатъ гардидани фаъолияти факултет мувофиқи талаботи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби ректори донишкада ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои ҳайати омӯзгорон ва кормандони аз вазифа озод шудаи факултет кафолат дода мешавад.

Низомнома дар ҷаласаи Шурои олимони донишкада «30» 10 соли 2023 (суратҷаласаи №3/3-2) баррасӣ гашта, ҷонибдорӣ карда шудааст.

Wondershare PDFelement